«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор ___________Раҳмон Д.С.
«_14_» марти соли 2025

**ТАҚРИЗИ**

**муассисаи пешбар – МДТ "Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ" ба диссертатсияи Кабиров Шарифбек Абдусаломович дар мавзуи «Хусусиятҳои тарҷумаи мафҳумҳо, вожаҳо ва ибораҳои варзишӣ аз забони англисӣ ба забони тоҷикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 –Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ**

Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ. Мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба таҳқиқи тарҷумаи мафҳумҳо, вожаҳо ва ибораҳои варзишӣ аз забони англисӣ ба забони тоҷикӣ бахшида шудааст. Аз рӯйи масъалаи таҳқиқот диссертатсия ба ихтисоси илмии 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мутобиқат менамояд.

Диссертатсияи номзадии Кабиров Шарифбек Абдусаломович оид ба таҳқиқи тарҷумаи мафҳумҳо, вожаҳо ва ибораҳои варзишӣ аз забони англисӣ ба забони тоҷикӣ равона гардида, яке аз масъалаҳои муҳим ва судманд буда, дар забоншиносии тоҷик дар муқоиса бо забонҳои дигар камтар таҳқиқот шудааст. Аз ин рӯ, диссертатсияи Кабиров Ш.А. маҳз ба таҳлили вожаҳои варзишӣ ҳамчун ҷанбаҳои назариявии мафҳумҳои варзишӣ ва тарҷумаи онҳо аз забони англисӣ ба забони тоҷикӣ мавриди пажуҳиши илмӣ дар забонҳои муқоисашаванда қарор гирифтааст.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот** дар он зоҳир карда мешавад, ки омӯзиши мафҳумҳову вожаҳо ва матнҳои варзишӣ, инчунин тарҷумаи онҳо ба забони тоҷикӣ барои ташаккул ва бунёди калимаҳои нав дар забон мавқеи махсусро дошта, вобаста ба вижагиҳои забонҳои гуногунсохт он метавонад, на танҳо вожаҳои нав, балки шаклҳои грамматикиро ташаккул диҳад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуъ** маҳз ба масъалаи ифодаи паҳлуҳои гуногуни мафҳумҳо, вожаҳо ва ибораҳои варзишӣ ҳамчун зуҳуроти забони англисӣ ва лексикаи махсус таҳқиқ ва баррасӣ гаштаанд, аз ҷониби муҳаққиқ Кабиров Ш.А. ба таври васеъ омӯхта шудаанд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ**. Таҳқиқи диссертатсионӣ дар доираи яке аз самтҳои таҳқиқоти кафедраи забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав иҷро

шудааст. Кори диссертатсионии мазкур ҳамчунин ба амалисозии бандҳои марбутаи Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ барои давраи то соли 2030 мусоидат хоҳад кард.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ:

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади таҳқиқи диссертатсионии моро пажуҳишу омӯзиши хусусиятҳои тарҷумаи мафҳумҳо, вожаҳо ва ибораҳои варзишии забони англисӣ ба забони тоҷикӣ ташкил медиҳад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои расидан ба мақсади гузошташуда иҷрои вазифаҳои зеринро зарур мешуморем:

– ба низом даровардани маводи назариявӣ ва амалӣ доир ба мавзуъ;

– таҳлили маводи назариявӣ ва натиҷагирии он;

– муайян кардани хусусиятҳои хоси калимаҳои варзишӣ ҳамчун лексикаи соҳавӣ дар забоншиносӣ;

**Объекти таҳқиқот**. Объекти таҳқиқоти диссертатсиониро мафҳумҳо, вожаҳо ва ибораҳои варзишии забони англисӣ ва тарҷумаи онҳо ба забони тоҷикӣ бо такя ба иттилооти интишороти гуногун ташкил медиҳад.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқотро** омӯзиш ва муайян кардани роҳҳо, усулҳо ва методҳои тарҷумаи мафҳумҳо, вожаҳо ва ибораҳои варзишии забони англисӣ ба забони тоҷикӣ ташкил менамояд.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот**ро асарҳои олимоне ташкил медиҳанд, ки ба тарҷумаи муқоисавии забонҳо машғул шудаанд ва бевосита ба муқоисаи забонҳо ва роҳҳои бартараф кардани мушкилот ҳангоми тарҷума даст задаанд, аз қабили М. Ҷабборӣ, П. Ҷамшедов, Ф. Турсунов, А. Мамадназаров, З. Мухторов, Д. Искандарова, Ҳ. Саидов, Ҷ. Худойбердиева, М. Б. Нағзибекова, Ш. Б. Каримов, З. Ғафуров ва дигарон.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки дар диссертатсияи Кабиров Ш.А. аввалин маротиба ба омӯзиши назариявии мафҳумҳои варзишӣ дар забони имрӯзаи англисӣ ба роҳ монда шуда, аввалин маротиба аз усулҳо ва методҳои тарҷумаи мафҳумҳои варзишии забони англисӣ ба забони тоҷикӣ мавриди таҳқиқоти илмӣ қарор гирифта ва дар он мушкилоти тарҷумаи калимаҳои соҳаи варзиш аз забони англисӣ ба забони тоҷикӣ ошкор гардиданд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда**:

1. Калимаву ибораҳои ифодакунандаи соҳаи варзиш дар забони англисӣ яке аз воҳидҳои асосии ин забонро ташкил медиҳанд ва омӯзишу пажуҳиши хусусиятҳои онҳо аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ доранд;
2. Калимаву истилоҳоти соҳаи варзиш дар лексикаи забони англисӣ ҳамеша дар рушду такомул буда, тағйирёбандаанд;
3. Мафҳумҳои варзишӣ дар забони англисӣ ҳамчун воҳиди махсуси лексикӣ ба шумор мераванд.

4. Тарҷумаи мафҳумҳои варзишии забони англисӣ ба забони тоҷикӣ дорои хусусиятҳои хоси худ мебошанд, ки инро дар айни замон пешравии ин соҳа тақозо менамояд;

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки маводи диссертатсионии мазкур метавонад дар омӯзиши минбаъдаи муқоисавии мафҳумҳо, истилоҳоти варзишӣ ҳангоми тарҷума мусоидат намояд.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқ** дар он зоҳир мегардад, ки тавсияҳои назариявӣ-методии пешниҳодкардашуда доир ба роҳҳо, усулҳо ва методҳои тарҷумаи мафҳумҳо, вожаҳо ва ибораҳои варзишии англисӣ ба таври васеъ мавриди истифодаи амалӣ қарор гирифта метавонанд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Натиҷаҳое, ки зимни пажуҳиши мавзуъ ба даст омадаанд, дорои арзиши илмию амалӣ мебошанд. Қоидаҳо хулосаҳо ва тавсияҳои илмие, ки дар диссертатсия тавсия гардид, бо методологияи муносибати низомӣ, консепсияи илмии ташхиси забоншиносӣ асоснок карда шуда, ба методҳои назариявӣ ва амалии таҳқиқот такя кардаанд, ки бешубҳа ҳамчун мавод дар амалия кумак мерасонанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ:** Мавзуи диссертатсия ба вижагиҳои муқоиса ва тарҷумаи мафҳумҳо, вожаҳо ва ибораҳои варзишии забони англисӣ ба забони тоҷикӣ бахшида шудааст. Аз ин рӯ, таҳқиқоти диссертатсионӣ ба шиносномаи ихтисоси илмии 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мутобиқат менамояд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии унвонҷӯ дар таҳлили ҳамаҷонибаи масъала, омӯзиши дурусти таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ, таҳлили маводу натиҷаҳои дар ҷараёни корҳои таҳқиқотӣ бадастомада ва дар коркарди таҳқиқоти диссертатсионӣ зоҳир мегардад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия**. Натиҷаҳои таҳқиқот ва хулосаҳои асосии диссертатсия: дар ҷараёни гузаронидани корҳои амалӣ, конференсияҳои илми-назариявӣ, семинарҳо доир ба масъалаи назария ва амалияи роҳу усулҳо ва методҳои тарҷумаи мафҳумҳо, вожаҳо, ибораҳои варзишии забони англисӣ ба забони тоҷикӣ, гузориш ва муҳокимаҳои мунтазам дар ҷаласаҳо, семинарҳои илмӣ-амалии кафедраи назария ва типологияи забони англисии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, зимни суханрониҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ татбиқи худро ёфтаанд.

Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар ҷаласаҳои кафедраи назария ва типологияи забони англисии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири

Хусрав (солҳои 2021 – 2024), дар конференсияҳои вилоятӣ, ҷумҳуриявӣ, семинарҳо ва мизҳои мудаввар ба таври васеъ баррасӣ гардидаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки дар 9 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 6 мақола, дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 3 номгӯй дар дигар маҷмуаи маводи конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ба табъ расидаанд, инъикоси худро ёфтаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз муқаддима, ду боб, хулоса ва феҳрасти адабиёт иборат буда, ҳаҷми он 192 саҳифаи чопи компютериро ташкил мекунад.

Дар **муқаддима** мубрамии мавзуъ, навоварии илмӣ ва дараҷаи омӯзиши он асоснок гардида, мақсад ва вазифаҳои диссертатсия, асосҳои методологӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ, объект ва манбаъҳои таҳқиқ муайян шудаанд.

Боби якуми диссертатсия таҳти унвони "Асосҳои назариявии мафҳумҳои соҳаи варзиш" номгузорӣ шуда, аз панҷ зербоб иборат мебошад. Дар зербоби якум, ки "Ҷанбаҳои назариявии мафҳумҳои варзишӣ ва тарҷумаи онҳо аз забони англисӣ ба забони тоҷикӣ" унвон гирифтааст, роҷеъ ба таҳқиқи назарияи мафҳумҳои соҳаи варзиш дар забоншиносӣ фикру ақидаҳои олимони ватаниву хориҷӣ оварда шудааст.

Зербоби дуюм ба масъалаи "Мафҳумҳои варзишии забони англисӣ ва хусусияти луғавии онҳо" равона гардида, дар он тафовути муҳимми калимаву истилоҳоти дорои мафҳумҳои варзишӣ ба назар мерасад, ки назар ба дигар калимаву истилоҳот лексикаи варзишӣ тавассути иттилооти васоити ахбори омма бештар паҳн шуда, диққати муҳаққиқро ба худ бештар ҷалб намудааст.

Зербоби 1.2.1. оид ба "Таснифоти мафҳумҳои варзишӣ" баррасӣ шуда, дар он таснифоти вожаҳои варзишӣ дар асоси таҳлили сохторӣ, маъноӣ ва категорияҳои номгӯйи намуд ва зернамуди варзиш, номгӯйи усулҳои техникӣ ва тактикӣ, номгӯйи таҷҳизоти варзишӣ ва ғайраро баррасӣ гардиданд.

Зербоби сеюм "Мавқеи калимаву истилоҳ ва мафҳумҳои варзишӣ дар лексикаи забони англисӣ ва хусусиятҳои онҳо" номгузорӣ шуда, дар он муҳаққиқ андешаҳои олимони забоншиносони муқоисавиро ба таври васеъ таҳлил ва таҳқиқот намудааст.

Боби дуюми диссертатсияи Кабиров Ш.А. доир ба "Вижагиҳои тарҷумаи мафҳумҳо, ибораҳо ва вожаҳои варзишии забони англисӣ ба забони тоҷикӣ" номгузорӣ шуда, аз панҷ зербоб иборат мебошад. Зербоби якуми боби дуюм оид ба "Ҷанбаҳои хоси тарҷумаи мафҳумҳои варзишии забони англисӣ ба забони тоҷикӣ" номгузорӣ гардида, муҳаққиқ доир ба

таҳқиқи мафҳумҳои варзишии забони англисӣ ба забони тоҷикӣ баррасӣ намудааст.

Зербоби 2.1.1. бошад, таҳти унвонии "Усулҳои тарҷумаи мафҳумҳои варзишӣ" ном гирифта, дар он муҳаққиқ дар бораи мафҳумҳои варзиширо ба гурӯҳҳои овонависӣ, транслитератсионӣ, калкакунӣ, мушаххаскунӣ, умумикунонӣ, модулятсия ва тарҷумаи тасвирии муродифӣ баррасӣ ва таҳлил намудааст.

Зербоби 2.2.-и боби дуюм бошад, ба масъалаи "Мусоҳибаҳои варзишӣ ва хусусияти тарҷумаи онҳо" равона шуда, дар он диссертант Кабиров Ш.А. мусоҳибаҳои варзиширо ба зергурӯҳи мафҳумҳои варзишииро ба чунин шакл ҷудо мекунанд, Масалан; мафҳумҳои намудҳои гуногуни варзиш (истилоҳоти варзиши автомобилӣ, хоккей), мафҳумҳое, ки барои ифодаи таҷҳизоти махсуси варзишӣ истифода мешавад (helmet, rocket); мафҳумҳое, ки барои ифодаи равандҳои гуногун дар варзиш мавриди истифода қарор доранд (acceleration, sling) мафҳумҳое, ки барои ифодаи масофа ё воҳидҳои ченак дар варзиш истфода мешаванд, мафҳумҳое, ки дар бораи ифодаи аломат ва хосиятҳои дар намудҳои гуногуни варзиш ҷойдошта истифода мешаванд (hard, soft, medium) ва дигар мафҳумҳои соҳаи варзиширо дар ин зербоб баррасӣ намудааст.

Зербоби 2.3.-и боби дуюм дар хусуси "Сленгҳои варзишӣ дар забони англисӣ ва усули тарҷумаи онҳо ба забони тоҷик" буда, дар ин зербоб дисссертант сленгҳои варзиширо бо вижагиҳои забонии «to abscond from one`s responsibilities», «дар хатти нимҳимоя бозӣ кардан» (to play in halfback), «аз масъулият гурехтан», «to fail some opportunity» – тӯбро хато додан (to let the puck pass), to gain – ғолиб омадан, batting average – комёбии шахсӣ ва ғайраро таҳлили илмӣ намудааast.

Зербоби 2.4.-и боби дуюм таҳти унвони "Мафҳумҳои варзишии англисӣ дар матнҳои публитсистию бадеӣ ва хусусиятҳои тарҷумаи онҳо" ном гирифта, дар он муҳаққиқ мафҳумҳои варзишии англисиро вобаста ба хусусиятҳояшон бо лексема ва вожаҳои «Goalkeeper- дарвозабон», «street ball- баскетболи кӯчагӣ», «Jackline- ресмони варзишӣ» «Sprinter – варзишгаре», ки дар пойга ба масофаи кӯтоҳ ширкат меварзад, мавриди баррасӣ қарор додааст.

Ҳамин тариқ, хусусиятҳои тарҷумаи мафҳумҳо, вожаҳо ва ибораҳои варзишӣ аз забони англисӣ ба забони тоҷикӣ дар диссертатсияи Кабиров Ш.А. дар муқоисаи ду забон (тоҷикӣ ва англисӣ) сурат гирифта, ҳамчунин, масъалаи мазкур дар забоншиносии муосири англисӣ ва тоҷикӣ серrepresentation маъноӣ, синонимӣ ва калимаҳо мавриди омӯзиши ҳамаҷониба қарор гирифта, як қатор масъалаҳои муҳими он ҳаллу фасли худро ёфта, баъзе хусусиятҳои

тарҷумаи мафҳумҳои вожаҳои варзишӣ ба таври иборавӣ аз ҷониби муҳаққиқ таҳқиқоти худра дар забоншиносии муқоисавӣ ёфтаанд.

Автореферати диссертатсия дар сатҳи хуб таҳия гардида, ба мазмуни диссертатсия мувофиқ ва тасаввуроти аниқро доир ба моҳияти таҳқиқоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф медиҳад. Мақолаҳои нашрнамудаи Кабиров Ш.А. муҳтавои асосии таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос мекунанд.

Эродҳо ба кори диссертатсионии Кабиров Шарифбек Абдусаломович. Дар баробари дастовардҳои муҳими зикршуда, диссертатсия ва автореферати он аз камбудиву норасоиҳо низ холӣ нест, ки зикри онҳо барои такмили минбаъдаи таҳқиқоти диссертатсионӣ муфид хоҳад буд, аз ҷумла:

1. Беҳтар мешуд, ки агар дар рисола далелҳои забонӣ аз махоизи истифодашуда бисрёртар таҳлил мешуданд;
2. Дар диссертатсия хатоҳои имлоӣ (– *саҳ. 16, 54, 61, 178*) техникӣ (*саҳ. 93, 105, 106*) ва ҷо-ҷо китобатӣ (*саҳ. 99, 117*) низ дида мешаванд;
3. Дар рисола, инчунин, баъзе норасоиҳои мантиқии ҷумлаҳо ва услубӣ ба назар мерасад;
4. Муаллиф дар пажуҳиши хеш назару андешаҳои муҳаққиқони ватаниву хориҷиро роҷеъ ба нақш ва мавқеи мафҳумҳои вожаҳои иборавии соҳаи варзишро тафсир намуда, аммо мавқеи худро дар баъзе ҳолат баён накардааст;

Зикр кардан ба маврид ҳаст, ки дар маҷмуъ норасоиву ғалатҳои зикргардида ба мазмуну мундариҷа, арзиши илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ ба ягон ваҷҳ халал ворид намесозанд.

Автореферати диссертатсия бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ мазмуну мундариҷаи корро пурра инъикос намуда, ба талабот ҷавобгӯ аст.

## ХУЛОСА

Диссертатсияи Кабиров Шарифбек Абдусаломович дар мавзуи **«Хусусиятҳои тарҷумаи мафҳумҳо, вожаҳо ва ибораҳои варзишӣ аз забони англисӣ ба забони тоҷикӣ»** таҳқиқоти илмии ба анҷомрасида буда, ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 ба тасвиб расидааст, ҷавобгӯ аст ва муаллифи он Кабиров Шарифбек Абдусаломович сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мебошад.

Тақриз аз ҷониби номзади илмҳои филологӣ, и.в. дотсенти кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавӣ Муродзода Бахриддин Раҳмон омода гардидааст.

Тақриз дар ҷаласаи ғайринавбатии кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи

Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз “11” марти соли 2025, протоколи №9/1 муҳокима ва тасдиқ гардид.

Дар ҷаласаи ғайринавбатии кафедра иштирок доштанд: 19 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 19 нафар, «муқобил» - нест, «бетараф» - нест. Протоколи №9/1 аз 11-уми майи соли 2025.

**Раиси ҷаласа:**
номзади илмҳои филологӣ, и.в. дотсент,
мудири кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи
Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ — Гуламадшоев Шокиршо Шерзодшоевич

**Ташхисгар:**
номзади илмҳои филологӣ, и.в. дотсенти
кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ — Муродзода Баҳриддин Раҳмон

**Котиби илмии ҷаласа:**
номзади илмҳои филологӣ, муаллими калони
кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ — Давлатзода Файзиддин Ҷамил

«Имзоҳои н.и.ф., Ш.Ш. Гуламадшоев, Б.Р. Муродзода ва Ҷ.Ф. Давлатзода-ро тасдиқ мекунам».

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДК ба номи А. Рӯдакӣ — Амиров Файзуллохуҷа Азизович

«11» марти соли 2025

**Суроғаи муассисаи пешбар:**
735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Кӯлоб, хиёбони С. Сафаров, 16
Тел: +992(83322) 2-35-06; +992(83322) 2-35-09.
E-mail: info@kgu.tj;
Сомонаи расмӣ: www.kgu.tj.